# Шӯрои нозирони
# ҶСК «Алиф Бонк»

## Хофиз Шаҳидӣ

Раис

Мутахассиси соҳаи тиҷорати сармоягузорӣ, дорои таҷрибаи эспертиза дар соҳаи сармоягузории иқтисодиёти босуръат инкишофёбанда мебошад. Фаъолияти худро дар шӯъбаи сармоягузории Credit Agricole оғоз намуда, сипас дар воҳидҳои сохтории яке аз қадимтарин бонкҳои Швейтсария BSI Bank дар Британияи Кабир ва Монако идома додааст. Ҳамзамон, ӯ соҳиби ширкатҳо дар соҳаи молия ва логистика мебошад.

## Аъзоёни Шӯрои нозирон

## Наргис Юсуфбекова

Сардори котиботи
Шурои ҳамоҳангсозии тараққиёт

Ӯ бо масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ машғул буда, инчунин ба 30 шариконе, ки бо ҳамкасбони худ дар ҳукумати ҶТ равобити зич доранд, роҳбарӣ мекунад. Қабл аз кор дар ШҲТ, номбурда ба ҳайси Мутахассис оид ба масъалаҳои иқтисод, ки он соҳаҳои макроиқтисод, идораи молияи давлатӣ ва рушди бахши хусусиро дар Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар бар мегирифт, дар бахши хусусӣ дар ширкати тиҷоратии шветсарӣ ва дар шӯъбаи корпоративии бонки хусусӣ оид ба кор бо мизоҷон ва шарикони байналмилалӣ фаъолият намудааст. Аз ин пеш, дар як қатор созмонҳои байналмилалӣ дар бахшҳои идорокунии молиявӣ ва иртибот кор кардааст. Наргис Юсуфбекова дорои унвони магистр дар соҳаи идоракунии равандҳои рушд аз Мактаби иқтисод ва илмҳои сиёсии Лондони Британияи Кабир мебошад.

## Шуҳрат Мирзоев

Дар Тоҷикистон, Британияи Кабир ва ИМА таҳсил кардааст. Ӯ дорои унвони илмӣ дар соҳаи иқтисод аст. Шӯҳрат Мирзоев Раиси Кумитаи аудити ҶСК «Алиф Бонк», ҳамзамон ҳаммуассиси ширкати «Иршад Консалтинг» буда, таҷрибаи 16-солаи касбиро дар соҳаи рушди иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои идоракунии молияи давлатӣ, банақшагирии стратегӣ ва ташхиси иқтисодӣ дорад. Қаблан Шӯҳрат Мирзоев ба ҳайси мушовири минтақавии иқтисодӣ дар Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир кор карда, идоракунии лоиҳаҳои бузургро дар Тоҷикистону Қирғизистон ва ҳамчунин дар як қатор созмонҳои дигари байналмилалӣ ба амал меовард.

## Азамат Султонов

Директори ширкати Fortu Wealth Ltd. Маҳорати идоракунии сармоягузорӣ ва пасандозҳои дараҷаи баланд дар соҳаи тиҷорати оилавӣ дорад.Ӯ яке аз муассисони созмони ҷамъиятии «Пешрафт» аст, ки дар Тоҷикистон ба фаъолияти хайриявӣ машғул аст. Номбурда барои як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Forbes Russia мақолаҳо менависад. Хатмкардаи ИДММБ бо ихтисоси «Муносибатҳои байналмилалӣ» буда, унвори доктори PhD-и дар соҳаи илмҳои сиёсии Академияи хоҷагии халқ ва идоракунии давлатии назди Президенти ФР-ро ба даст овардааст, хатмкардаи Мактаби тиҷорат ва молияи Лондон мебошад.

## Нуриддин Ахмедов

Директори сармоягузории Atoll Capital буда, хариди ширкатҳо ва муомилоти саҳҳомии хусусиро назорат мекунад. Тӯли 10 соли охир бо маблағи беш аз 2 миллиард доллар аҳдҳо бастааст. Фаъолияти худро дар EY оғоз карда, баъдтар бо ТМТ, хизматрасониҳои молиявӣ, амволи ғайриманқул, фаъолияти фармасевтӣ ва маҳсулоти истеъмолӣ машғул буд. Нуриддин бо ширкатҳои пешрафта дар соҳаи сармоягузории хусусӣ ба кишварҳои ИДМ ва «Альфа-банк» ҳамкорӣ дошт. Барои нармафзори B2B дар ИМА, Аврупо ва ИДМ беш аз 5 миллион доллар сармоягузорӣ кард. Ба таҷрибааш банақшагирии стратегӣ, эҷоди арзиш, M&A ва IPO дохил мешаванд.